**Номи курс: Фаъолияти иқтисоди берунаи корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(*Foreign economic activity of enterprises in the Republic of Tajikistan*).

**Week 3. Organization of the Department of Foreign Economic Activity of Tajikistan**

**lecturer: Rustamzoda Fitrat Muzafar**

**МАВЗӮИ 3.** ТАШКИЛИ ИДОРАИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНАИ ТОҶИКИСТОН

3.1. Алоқамандии бахшҳои иқтисодӣ
3.2. Шаклҳои ҳуқуқию ташкилии сохтори корхонаҳо ва функсияҳои он зимни амалисозии тиҷорати беруна
3.3. Шаклҳои ташкилии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхона
3.4. Вазифахои асосии шуъбаҳои робитаҳои иқтисоди берунаи корхона

**Мақсади лексия:** кушодани робитаҳои байниҳамдигарии бахшҳои иқтисодӣ, омӯзиши шаклҳои ташкилӣ ва фаъолияти иқтисодии берунаи корхона, инчунин мушаххассозии вазифаҳои асосии шуъбаҳои робитаҳои иқтисоди беруна.

**3.1. Алоқамандии бахшҳои иқтисодӣ**

Алоқамандии бахшҳои иқтисодӣ ба муносибатҳои байни бахшҳои гуногуни иқтисод, ки ҳар яке нақши муайян дар истеҳсол, тақсимот ваистеъмоли ресурсҳои иқтисодӣ доранд, фаҳмида мешавад. Ин алоқаҳо дар маҷмӯъ ба таври ҷамъиятӣ ва дар натиҷаи фаъолиятҳои иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ (ҷомеа, давлат, корхонаҳо, шахсони воқеи) бавуҷуд меоянд.

Алоқамандии бахшҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки чи гуна бахшҳои гуногуни иқтисод ба якдигар таъсир мерасонанд ва ба иқтисоди кишвар дар

маҷмӯъ таъсир мерасонад. Ин алоқаҳо метавонанд мусбат ё манфӣ бошанд ва муносибатҳои байни бахшҳои иқтисодӣ дар муайян намудани сатҳи рушди иқтисод, иқтисодиётва равандҳои иқтисодӣ зарур мебошанд.

Мисоли асосии алоқаҳои байни бахшҳо инҳо шуда метавонанд:

1. Бахши саноат ва бахши кишоварзӣ – Саноат аксар вақт ба захираҳои табии ва маҳсулотҳои кишоварзӣ, ки дар истеҳсолоти саноатӣ истифода мешаванд, вобаста мебошад. Масалан, ашёи хом, ки дар саноат истифода мегардад, аксарияти вақт аз кишоварзӣ ё маъданҳо истифода мегарданд.
2. Молия ва иқтисоди воқеӣ – бахши молиявӣ бо қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ ба бахшҳои дигар кӯмак мерасонад, ки барои рушд ва таъмини фаъолиятҳои иқтисоди муҳим мебошад.

Алоқамандии байни бахшҳо нишон медиҳад, ки як фаъолияти иқтисодӣ наметавонад дар муҳити мураккаб танҳо ба худ ба таври муваффақ иҷро шавад – балки ҳама бахшҳо якҷоя бояд барои расидан ба рушди устувор ва муваффақият ҳамкории самарабахш дошта бошанд.

Дар иқтисод бахшҳои давлатӣ (G), хусусиву хонаводаҳо (C) ва бахши хориҷӣ (I+E-IM) дар робита бо ҳам дар бозорҳои молиявӣ, молу маҳсулот ва воситаҳои истеҳсолот фаъолият мекунанд. Яъне чор агентҳои макроиқтисодӣ дар се бозор бо ҳам робитаи алоқаманд доранд.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо тарзи ҷамъи хароҷотҳо:

$$\text{ММД } (Y) = G+C+I+E\text{-}IM$$

- E-IM  сектори беруна
- IS (сармоя ва андӯхт)
- LM (бозори молиявӣ)
- BP (тавозуни пардохтӣ)

E-IM=NX (содироти холис)

| | |
|---|---|
| ММД (Y) = G+C+I+E-IM ⟹ | Y- G+C= I+ NX |

Y- G+C – андӯхти миллӣ (S)мебошад.

S= I+ NX; I- S-ҳисоби гардиши сармояи тавозуни пардохтӣ мебошад.

Дар ҳолати тавозуни I- S мусбат будан ва E-IM манфӣ будан, давлат маҷбур аст, ки аз берун қарз гирад.

### 3.2. Шаклҳои ҳуқуқию ташкилии сохтори корхонаҳо ва функсияҳои он зимни амалисозии тиҷорати беруна

Шаклҳои ҳуқуқию ташкилии сохтори корхонаҳо ва функсияҳои он зимни амалисозии тиҷорати беруна аҳамияти муҳим доранд, зеро тиҷорати байналмилалӣ талаб менамояд, ки корхонаҳо мувофиқи қонунҳои байналмилалӣ ва миллӣ амал кунанд ва мутахассисон барои ҳалли масоили ҳуқуқии байналмилалӣ, андоз ва дигар масъалаҳои иқтисодӣ омода бошанд. Шаклҳои ҳуқуқию ташкилии асосии корхонаҳо дар тиҷорати беруна ва вазифаҳои онҳоро метавон ба шаклҳои зерин ҷудо намуд:

1. Шаклҳои ҳуқуқии корхонаҳо:

А) Корхонаҳои хусусӣ – корхонаҳое, ки ба як ё якчанд шахсони ҳуқуқӣ ва ё физикӣ вобастаанд ва ҳамчун субъектҳои мустақил ҳуқуқӣ амал мекунанд.

Б) Корхонаҳои саҳомӣ – корхонаҳое, ки дар онҳо саҳмияҳо ба фурӯш гузошта мешаванд ва соҳибони саҳмияҳо соҳиби ҳуқуқи муайян дар идоракунӣ ва бахшидани фоида мебошанд.

В) Корхонаҳои давлатӣ - корхонаҳое, ки моликияти давлат аст ва онҳо метавонанд тиҷорати берунаи давлатро роҳандозӣ намоянд.

Г) Ширкатҳои муштарак - корхонаҳое, ки бо ҳамкорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ таъсис ёфтаанд ва дар онҳо шарикон саҳмияҳо доранд.

2. Вазифаи корхонаҳо зимни амалисозии тиҷорати беруна:

А) Таҳияи стратегияи тиҷоратӣ – ба корхона лозим аст, ки стратегияи дуруст ва самаранок барои ворид гардидан ба бозори ҷаҳонӣ ва иштирок дар тиҷорати беруна таҳия мегарданд.

Б) Риояи қонунгузории байналмилалӣ – корхонаҳо бояд қонунҳо ва талаботи байналмилалӣ, аз ҷумла шартномаҳои байналмилалӣ, андозбандии тиҷорати байналмилалӣ ва ҳуқуқи гумрукиро риоя намоянд.

В) Ташкил ва роҳандозии равандҳои логистикӣ – ин вазифа ба он дахл дорад, ки корхонаҳо бояд равандҳои интиқоли маҳсулот ва хидматҳоро байни давлатҳо ба тариқи самаранок ва мувофиқ бо қонқнгузорӣ идора намоянд.

Г) Таҳлил ва омӯзиши бозор – корхонаҳо бояд бозорҳои байналмилалиро таҳлил намоянд ва таҳқиқоти маркетингиро барои дарк кардани эҳтиёҷот ва тарзи рафтори ва ҳуқуқи гумрукиро риоя намоянд.

Д) Риояи шартномаҳо ва талаботи гумрукӣ - корхонаҳо бояд шартномаҳои байналмилалии тиҷоратӣ, ба монанди шартномаҳои харид ва фурӯш, шартномаҳои нақлиёт ва интиқол ва ҳатто шартномаҳои иттилоотиро иҷро намоянд.

Вазифаҳои болоӣ, ки дар амалисозии тиҷорати беруна ба корхонаҳо вобастаанд, инчунин аз соҳаи фаъолият ва хосиятҳои муайяни иқтисодии давлат ва бозорҳо фарқ мекунанд.

**Сохтори корхона вобаста аз навъ ё шакли корхона:**

- корхонаҳои истеҳсоливу хизматрасонӣ
- корхонаҳое, ки ба фаъолияти миёнаравӣ машғуланд
- корхонаҳои лизингӣ (иҷоравӣ), ширкату консернҳо, ассосиатсия, ҷамъиятҳои саҳомӣ, ширкатҳои холдингӣ.

**Шаклҳои фаъолияти берунаи корхонаҳо:**

- Фаъолияти иқтисодиву тиҷоратии мустақим
- Фаъолияти иқтисодиву тиҷоратии ғайримустақим

Таъсисдиҳии шӯъбаҳои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва баргузории тадқиқотҳои маркетингӣ, омӯзиши хусусияти истеъмолии мол ва хусусиятҳои истехсолии мол имконият медиҳад, ки доир ба роҳу усулҳои баромадан ба бозорҳои беруна қарорҳои муфид қабул карда шаванд.

Аз ҷумла, оид ба бунёди шабакаи хусусии фурӯши мол дар хориҷа, истифодаи миёнаравҳои тиҷоратӣ ва фурӯш, ташкили истеҳсолоти худи дар хориҷа хулосаи зарурӣ бароварда мешавад.

Корхона ин воҳиди истеҳсолиест, ки дорои иқтидори истеҳсоливу техникӣ буда, аз лиҳози шакли ташкиливу маъмурӣ ва хоҷагидорӣ мустақил мебошад. Корхона занҷираи асосии фаъолияти иқтисоди берунӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти иқтисоди берунаи корхона ҳам барои корхона ва ҳам барои давлат манфиатовар мебошад. Аз ҷумла, баромадани корхона ба бозори беруна ва истифодаи самараноки имкониятҳои он омили ҳавасмандии рушди фаъолият гардида, ба устуворшавии иқтисоди миллӣ иловатан мусоидат менамояд. Инчунин, ҳамкорон аз кишварҳои гуногун ба рушди соҳибкорӣ, болоравии сатҳи техникиву технологии он ва рушди иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Рақобат дар бозорҳои беруна ба истеҳсоли молҳои сифатан баланд мусоидат мекунад.

Бинобар ин, фаъолияти иқтисоди берунаи кишвар ин сиёсати мақсадноке, ки барои пешбурди тиҷорати молу хизматрасониҳои ватанӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ бо мақсади ноилшавӣ ба тавозуни пардохтии фаъол ва некуаҳволии сокинон мебошад.

**Шартҳои ҳатмии баромадани корхона ба бозорҳои ҷаҳонӣ иборат аст:**

А) Таъмини пешбурди мол аз фурӯшанда ба харидор;

Б) Саривақт расонидани хизматрасониҳои нақлиётиву молрасонӣ, суғуртавию бонкӣ;

В) Оид ба таъмини амалиётҳои пардохту ҳисоббаробаркунӣ;

Г) Оид ба ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоотӣ тиҷоратӣ ва асъориву молиявӣ доир ба конюнктура (вазъи ташаккулёбии нархҳо) – и бозорҳои берунаи молию молиявӣ

Ҳамин тавр, функсияҳои асосии корхона зимни тиҷорати беруна иборат аз:

- истеҳсоливу хоҷагидорӣ (интихоби стратегияи содиротӣ, истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ, кор ва хизматрасонӣ, робитаҳои истеҳсолӣ бо шарикони дохилӣ);

- ташкиливу иқтисодӣ (интихоби шакл ва усулҳои фаъолият дар бозорҳои беруна, ҷараёни баромадан ба бозори беруна, банақшагирии амалиётҳои савдои беруна, ташкили рекламаву таблиғот);
- тиҷоратӣ (қарордодҳои савдои беруна – содиротӣ ва воридотӣ, инчунин амалиётҳои ёрирасон – нақлиётӣ, суғуртакунонӣ ва асъориву молиявӣ ва қарзӣ).

Ҳамаи ин вазифаҳо якҷо бо амалиётҳои ба онҳо дохилшаванда маҷмӯи элементҳои фаъолияти иқтисоди берунаи корхона ба ҳисоб мераванд.

### 3.3. Шаклҳои ташкилии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхона

Шаклҳои ташкилии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхона ба муносибат ва ҳамкории байни корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ ишора менамояд. Ин шаклҳо метавонад мухталиф бошанд, ки вобаста ба стратегияи тиҷоратӣ ва ҳадафҳои корхона, инчунин хати фаъолияти иқтисодӣ, муайян карда мешаванд. Ба таври умум, шаклҳои асосии ташкили фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи корхонаҳо инҳо ба шумор мераванд:

1. Экспорт ва импорт – ин шакли фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи корхона бо содирот ва воридоти молу маҳсулот вобаста мебошад. Корхонаҳо метавонанд маҳсулотҳои хешро ба дигар кишварҳо содирот намоянд ё маҳсулотҳои хориҷиро ворид кунанд.

2. Созишномаҳои ҳамкории стратегӣ - ин шакл дар бар мегирад ҳамкориҳои дарозмуддат байни корхонаҳо, ки боиси татбиқи лоиҳаҳои муштарка ва ё дигар амалҳо барои баланд бардоштани таъсир ва маҳсулнокии фаъолияти иқтисодӣ мегардад.

3. Ҳамкориҳои техникӣ ва технологӣ – корхонаҳо метавонанд, ҳамкориҳоеро дар соҳаи тадқиқот ва рушди технологӣ ба роҳ монанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки технологияи нав ва маҳсулоти бо сифати баландтарро пешниҳод намоянд.

4. Бозори қарзӣ ва хидматҳои молиявӣ – корхонаҳо метавонанд барои зиёд намудани манбаи молиявии худ дар бозори қарзии байналмилалӣ қарз гиранд ё саҳмияҳои худро фурӯшанд.

Ҳамаи ин шаклҳо дар таҳкими нақши корхонаҳо дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва бозори хориҷӣ кӯмак мекунанд.

Фаъолияти иқтисодии берунаи хар корхона ба он равона гардидааст, ки бо истифода аз захираву имкониятҳои бозорҳои беруна фоидаи бештар ба даст оварда шавад.

Барои идоракунии самарабахши Фаъолияти иқтисодии беруна дар сатҳи корхона, сохтори идоракунӣ дорои шароити хос зарур аст. Сохтори ташкилии идоракунии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, пеш аз ҳама, бо мақсад ва вазифаҳои корхона мутобиқ аст.

Шӯъбаҳо ва хидматҳои функсионалӣ, ки ба кори ширкатҳои махсус ва ташкилотҳои савдои беруна мусоидат мекунанд, метавонанд ба се гурӯҳ тақсим карда шаванд:

1. Гурӯҳи шӯъбаҳо ва хадамотҳое, ки банақшагириро таъмин мекунанд:

а) банақшагирӣ ва шӯъбаи иқтисодиёт - банақшагирии фаъолиятҳои тиҷорати хориҷӣ ва мониторинги иҷрои нақша, таҳлили фаъолияти иқтисодии савдои беруна;

б) шӯъбаи пуливу молиявӣ - банақшагирии асъор ва назорати фаъолияти бонкӣ, муносибатҳои дебитиву кредитӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, риояи манфиатҳои савдои беруна дар амалиёти тиҷорати хориҷӣ;

в) воҳиди нақлиёт - банақшагирӣ ва расонидани боркашони эксперт ва воридотӣ;

г) баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳӣ, ҳисоббаробаркунӣ бо бонкҳо, таъминкунандагон ва ташкилотҳои берунӣ, ҳисоб ва пардохти музди меҳнат, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ барои ассотсиатсия ва тавсияҳо барои беҳтар намудани он.

2. Гурӯҳи шӯъбаҳое, ки бевосита бо маркетинг машғуланд:

а) шӯъбаи конюнктура ва нархҳо - тадқиқоти талабот, таъминот, динамикаи нархҳо, сохтори бозор, систематизатсияи маводҳои бозорӣ, ҳамоҳангсозии ширкатҳо бо агентҳои умумиҷаҳонии хориҷӣ, роҳнамоии

методологӣ ва назорат кардани дурустии ҳисобкунӣ ва истифодаи нархҳо аз ҷониби ширкатҳо дар таҳия ва бастани шартномаҳо.

б) Шӯъбаи реклама ва намоишгоҳҳо;

в) шӯъбаи муҳандисӣ ва техникӣ - омӯзиши талаботи техникии мол дар бозори ҷаҳонӣ, иттилоотонии истеҳсолкунандагони бевоситаи мол, таҳлили сатҳи техникӣ ва сифати маҳсулот, рақобатпазирӣ, омодасозии хулосаҳои дахлдор ва тавсияҳои;

г) Шӯъбаи корхонаҳои муштарак - ҳамоҳангсозӣ, банақшагирӣ ва назорат аз болои фаъолияти корхонаҳои муштарак, ки бо иштироки сармояи хориҷӣ таҳия гардидааст, назорат мекунад.

д) хадамоти техникӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ - ташкили кафолати нигоҳдорӣ ва кафолати пасандозии молҳое, ки аз ҷониби иттиҳодияҳо дар кишварҳои хориҷӣ содир мешаванд.

3. Гурӯҳҳои шӯъбаҳое, ки қабул ва иҷрои қарорҳои идоракуниро таъмин мекунанд.

Ташкили чунин сохтори идоракунии самарабахши фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ хоси корхонаҳое, ки новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, фаъолияташон пурра ё қисман ба бозорҳои хориҷӣ нигаронида шудааст.

Дар корхонаҳои саноатии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ дошта, воситаҳои тиҷорати хориҷӣ асосан дар ду шакл мавҷуданд: ҳамчун қисми сохтори дохилии истеҳсолӣ дар шакли шӯъбаи иқтисодии берунӣ ва ҳамчун воҳиди нисбатан мустақил дар шакли ширкати тиҷорати хориҷӣ.

**3.4. Вазифаҳои асосии шӯъбаи робитаҳои иқтисодии хориҷии корхона**

Шӯъбаи робитаҳои иқтисодии хориҷии корхона вазифаҳои асосиро барои таъмин намудани рушди тиҷорат ва муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаҳои гуногун иҷро менамояд. Воқеан, вазифаи асосии шӯъбаи робитаҳои иқтисодии хориҷии корхона метавонанд ба таври зерин гурӯҳбанди шаванд:

1. Ташкил ва рушд додани муносибатҳо бо шарикони хориҷӣ – шуъба бояд ҳамкориҳои нави тиҷоратӣ бо кишварҳои гуногунро пайдо кунанд ва робитаҳои мавҷударо рушд диҳанд.
2. Маркетинг ва тадқиқот дар бозори хориҷӣ – шуъба вазифадор аст, ки бозори хориҷиро таҳлил намояд ва стратегияи маркетинги мувофиқ барои ворид ба бозорҳои нав ё нигоҳ доштани мавқеи корхона дар бозорҳои байналмилалиро пешниҳод кунад.
3. Баррасии шартномаҳо ва созишномаҳо – шуъба бояд шартномаҳои байналмилалии тиҷоратиро таҳия, муҳокима ва иҷро кунад, ки дар он ҳуқуқи корхона ва шарикон дар таъмини муомилаҳо ва фаровардҳои байналмилалӣ таъмин шаванд.
4. Раванди молиявии байналмилалӣ шуъба бояд таълим ва омодасозии кадрҳо дар соҳаи робитаҳои байналмилалиро барои баланд бардоштани сатҳи малака ва қобилиятҳои кормандони корхона таъмин созанд.
5. Таъсиси ва нигоҳдории шабакаи логистикӣ ва транзитӣ – шуъба бояд дар ҳалли масъалаҳои логистикӣ ва таъмин намудани транзити маҳсулот аз як кишвар ба кишвари дигар нақш мебозад.
6. Масъул барои омодасозии гузоришҳо ва маълумотҳо – шуъба бояд оид ба фаъолияти иқтисодии хориҷии корхона маълумотҳои зарурирo омода намояд ва барои роҳбарият пешниҳод намояд.

Вазифаҳои асосии шӯъбаи робитаҳои иқтисодии хориҷии корхона имконият медиҳанд, ки таъсиргузории корхона дар бозорҳои байналмилалӣ афзоиш ёбад ва фаъолиятҳои тиҷоратии он босамар бошад. Инчунин вазифаҳои дигар ба монанди чунин унсурҳо низ мавҷуд мебошад:

- гузаронидаии чорабинихои зарурӣ оид ба роҳандозии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ бо шарикони хориҷӣ;
- таҳияи қарордоду шартномаҳои ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ва ба имзорасониву назорати иҷрои саривақтии онҳо;

- таҳлилу омӯзиши талаботи бозорҳои беруна, истеҳсоли молҳои содиротӣ, назорати содироти молҳои итсеҳсолшаванда ва воридоти ашёи хом аз кишварҳои дигар, ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои дахлдор;
- муайян намудани усули баромадан ба бозори беруна, тарзҳои пешниҳоди маҳсулот ва ҷустуҷӯи муштариён (ташкил ва иштирок дар намоишҳо, ярмаркаҳо ва музоядаҳои байналмилалӣ);
- омӯхтани бозорҳои молӣ ва ҷамъ кардани маълумоту таҷрибаи пешқадами савдои байналмилалӣ;
- таҳияи феҳристу маҳзани маълумотҳои махсус дар бораи бозорҳои беруна, иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ, рақибону мол истесҳсол кукандагони дигар, роҳандозии фаъолияти тарғиботу рекламавӣ дар хориҷӣ мамлакат;
- азбаркунии фарҳанг ва урфу одатҳои кишварҳое, ки ба он ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ роҳандозӣ мегардад, баланд бардоштани савияи дониш, малака ва сатҳи забондонии мутахассисони масъул, сафарҳои корӣ ва даъвати ҳамкорону мутахассисони хориҷӣ;
- омодасозии вохӯриву мулоқотҳои корӣ, ташкили чорабиниҳои протоколии марбут ба қабул ва гуфтушунид бо ҳайатҳо ва шарикони хориҷӣ.

**Хулоса,** ташкили идораи фаъолиятҳои иқтисодии берунаи Тоҷикистон ба масъалаи муҳим ва стратегии давлат дар шароити муосир табдил ёфтааст. Вақте, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвар дар марҳалаи рушди иқтисодӣ қарор дорад. Ҳифзи манфиатҳои иқтисодии миллӣ дар арсаи байналмилалӣ ва рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои дигар, як ҷузъи муҳим барои таъмини устувории иқтисодӣ ва рушди ниҳодҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Хулоса ҷамъбасти мавзуъ чунин аст:

**Шарти муҳим барои рушди иқтисоди Тоҷикистон** – ташкили идораи хуб фаъолиятҳои иқтисодии берунаи кишвар. Ин идоракуни бояд бо дарназардошти эҳтиёҷоти иқтисодии миллӣ, имкониятҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ ва татбиқи стратегияи рушди дарозмуддат бошад.

**Ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба** – барои ташкили робитаҳои иқтисодӣ бо кишварҳои дигар, Тоҷикистон бояд сиёсати навро барои густариш додани ҳамкориҳо дар соҳаҳои энергетика, тиҷорат, саноат ва хизматрасонӣ амалӣ гардонида истодааст.

**Қобилиятҳои инсонии идоравӣ** – таъсис додани гурӯҳҳои мутахассисон, тартиботи муассисаи давлатӣ ва баланд бардоштани малакаи кадрии институтҳои дахлдори иқтисодӣ бисёр зарур ва муҳим арзёбӣ мегардад.

***Саволҳо барои мустаҳкамкунии мавзӯъ:***

1. Бахшҳои иқтисоди миллӣ чи тавр бо бахши фаъолияти иқтисоди беруна алоқаманд мебошанд?
2. Кадом ҳолат маҷбур месозад, ки давлат қарзи беруна ҷалб намояд?
3. Функсияҳои корхонаро ҳангоми фаъолияти иқтисоди беруна номбар кунед?
4. Нақши шуъбаҳои робитаҳои иқтисоди берунаи корхонаро возеҳ намоед.
5. Усули мустақими баромадан ба бозори беруна аз усули ғайримустақим чӣ тафовут дорад?